**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалидошта дар низоми ҳуқуқи миллӣ бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, муаллифи автореферат навгониҳое, ки дар он нишон додааст, қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдодаи хеш сарфи назар аз камбудиҳои қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон такия намуда, бахри такмили қонунгузории ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таклифу пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ манзур намудааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур намуда бошад ҳам навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, яъне баъди бадаст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии таҳқиқшуда нахустин таҳқиқоти маҷмӯие мебошад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи масоили ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ бахшида шудааст.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ, байналмилалӣ ва амалии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими қонунгузории байналмилалии хусусӣ, маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорие, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида, ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқи ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудааст.

Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба масоили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардида ва барои муҳаққиқони оянда дар илми ҳуқуқи ватани заминаҳои илмии мусоидро мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи автореферати диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф баъзе эродҳо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дорад, ба монандӣ:

Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо дар бобҳои кори таҳқиқгардида ба назар мерасад, гуфта метавонем, ки муаллиф як

зербоби дигар вобаста ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар як бобҳо мегузошт, ба манфиати кор буд.

Эродҳои зикршуда хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад.

Аз ин рӯ, гуфта метавонем, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Русияву Тоҷикистон Сидиқов Д.А.

Имзои Сидиқов Д.А.–ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон Раҳимов А.А.
«08» 04 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода 30,
Телефон: (+992 37) 221-35-50,
Email: rtsu@mail.ru,
htpp://www.rtsu.tj